# МИНБАРИ ХАЛҚ

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ ПЕШВО, ҲИЗБ ВА МАМЛАКАТ

**Солрӯз ҷашнест, ки бояд бо табъи болида таҷлил карда шавад ва чунин ҷашнҳо дар Тоҷикистон зиёданд.**

**Аҳамияти ва эътибори ҷашн ҳар қадар баланд бошад, шумораи одамоне, ки ба он ҷалб карда мешаванд, ҳамон қадар зиёд мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки он ба иди умумихалқӣ ва байналмилалӣ табдил меёбад.**

Дар айни замон иди шумо ҳам мақоми ҷашни байналхалқиро гирифта истодааст.

Ҳамаи мо аз хориҷи дуру наздик мебинем, ки чӣ гуна Тоҷикистон дар фазои сулҳ ободу шукуфон гашта истодааст. Ин хидмати бузурги Пешвои бузурги миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов аст.

Сахми ӯро дар рушду пешрафти кишвар номбар намекунам, чунки дар ин бора ҳама медонанд. Маро далерии ин инсони бузург мафтун кард - ӯ одами дорои иродаи қавии сиёсӣ аст, ки дар байни дигар роҳбарон на ҳамеша дида мешавад.

Ман бори нахуст аз Тоҷикистон дар рӯзҳои таҷлили ҷашни 25-умин солгарди Истиқлолияти кишвар дидан карда, бо донишҷӯён ва ҳайати омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар шаҳри Душанбе суҳбат намудам.

Донишгоҳ, омӯзгорони меҳнатдӯст ва донишҷӯёни кунҷкоби он барои ман басо писанд омаданд.

Маълум мегардад, ки тамоми корҳои созандагӣ дар мамлакат танҳо бо меҳнатҳои як нафар - Сарвари давлат ба вуқӯъ мепайвананд. Вақте Роҳбари кишвар халқи худро дӯст медорад, мардумаш низ ӯро самимона дӯст хоҳанд дошт.

Ман аз журналистону нависандагони тоҷик барои муносибати бародаронаашон нисбат ба ман ва халқи қазоқ хеле сипосгузорам. Охир, ҳар як шаҳрванди ин ё он кишвар, пеш аз ҳама, намояндаи халқу кишвари худ мебошад. Мо манфиат, таърих, фарҳанг ва дини муштарак дорем.

Дар Қазоқистон тоҷикони зиёде истиқомат доранд ва қазоқҳо низ дар Тоҷикистони сермиллат зиндагии хушбахтона ба сар мебаранд.

Барои ҳар як миллат неъмати асосӣ фазои осоишта мебошад. Ба таври возеҳ гуфта метавонам, ки ин бо шарофати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки мо ӯро эҳтиром мекунем.

Ман тавассути дӯстони тоҷикам аз комёбиву муваффақиятҳои ин кишвари аҷибу зебо, ки дар маркази Осиёи Марказӣ воқеъ аст, воқиф ҳастам. Онҳо ҳамеша аз кишвар, таърих ва фарҳанги худ бо ифтихор суханронӣ мекунанд.

Албатта, хидмати асосии Пешвои кишвар ва ҳизб дар он аст, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар хотима бахшиданд.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар бунёди Тоҷикистони соҳибистиқлол ба масъалаҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, гуманитарӣ, маънавӣ ва дигар масоили муҳим таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунад.

Барои ҳамаи ин давлат маблағи калон ҷудо менамояд. Шумораи аҳолии мамлакат тадриҷан меафзояд. Барномаҳои рушди ҷомеа, ки аз ҷониби Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таҳия мегардад, ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки нерӯ ва имконоти худро самаранок истифода баранд.

Ман ҷонибдори нафароне ҳастам, ки Пешвои миллатро бо Куруши Кабир ва Исмоили Сомонӣ баробар медонанд.

Ростӣ, дар он замонҳои қадим зиндагии мардум содатар буда, озодиву истиқлолияти худро бо тиру камон, найза ва сими асрҳои пуриқуввати худ дифоъ мекарданд.

Имрӯз, дар асри пешрафти илму техника ва технологияҳои олӣ сарҷамъ кардани мардуми босавод ва дар баробари қудратҳои бузурги ҷаҳон қарор гирифтан кори саҳлу осон нест. Ҳамчунин, ҳоло қобилияти ҳифзи манфиатҳои мардум ва ҳудуди марзии худ нисбат ба асрҳои пешин хеле мушкилтар гаштааст. Танҳо як халқи бузург метавонад Пешвоёни бузургро ба вуҷуд оварад ва танҳо Пешвоёни бузург метавонанд халқи худро бузург гардонанд.

Масалан, дар байни шумораи бештари роҳбарони Чин танҳо Дэн Сяопин давлати худро ба як қувваи ҷаҳонӣ табдил дод.

Маҳз ба шарофати сиёсат ва ислоҳоти иқтисодии ӯ кишвар ба яке аз қудратҳои ҷаҳонӣ табдил ёфт.

Ли Куан Ю дар Сингапур Пешвои нодир гардид. Таҳти роҳбарии ӯ Сингапур аз кишвари камбизоат ва аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомондаи "ҷаҳони сеюм" ба як кишвари аз ҷиҳати маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ сарватмандтарини ҷаҳон табдил ёфт.

Ё ин ки Маҳатхир Муҳаммад - бунёдгузори мӯъҷизаи иқтисодии Малайзия.

Ман чунин меҳисобам, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ ҳамон Пешвое ба монанди Ли Куан Ю ва Маҳатхир Муҳаммад аст.

Аз таърих хуб медонем, ки халқҳои Осиёи Марказӣ то ба даст овардани истиқлолият дар каноси абарқудрати Шуравӣ чӣ тавр зиндагӣ мекарданд. Чунин ободиву шукуфоие, ки имрӯз дар Тоҷикистон мебинем, дар гузашта набуд.

Сарвати асосии мамлакат ва захираи асосии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон халқи боистеъдод ва меҳнатдӯсти тоҷик аст.

Давлати нави мустақил, ки ҳамагӣ 33 сол қабл истиқлолияти комили худро ба даст овард, ояндаи бузург ва дурахшон дорад.

Ман инро ба як ҷавони 33-сола муқоиса мекунам, ки тамоми умраш ҳоло дар пеш аст.

Агар "мӯъҷизаи Сингапур"-и аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта ё "мӯъҷизаи Малайзия" дар рӯйи Замин пайдо шуда тавонист, пас мардуми тоҷик низ ҳамин гуна имкониятҳоро доранд.

Мо, ҳамсоякишварҳо, аз ин танҳо хушҳол шуда, муваффақияту комёбиҳои бародарони тоҷикро дастгирӣ менамоем.

Бигзор орзуи хурдтакаки эҷодии мо ба халқи тоҷик дар ҷашни 30-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон саҳми хоксорона ба дӯстии халқҳо ва кори сулҳу осоиши рӯйи Замин гардад.

Ин хеле муҳим аст, махсусан дар замони имрӯз, ки ҷаҳон ноором буда, байни кишварҳо ихтилофоти зиёд вуҷуд дорад.

Ба халқи бародари тоҷик ободӣ, шукуфоӣ ва осмони осоиштаи рӯйи заминро орзумандам!



***Бо эҳтиром, Бахыт Рустемов - академики МЕАТR (Русия), доктори фахрии адабиёт (Испания), роҳбари "Иттиҳоди байналмилалии дипломатияи халқӣ" (Қазоқистон), президенти Ассотсиатсияи нависандагон ва рассомони CIEZART (Испания) дар Қазоқистон, ҳамраиси Шурои адабии Ассамблеяи халқҳои Авруосиё (Русия), президенти Озмуни ҷаҳонии адабии "Литературная Азия-2021 ва 2023", ҳаммуассиси бунёди байналмилалии "Маркази дипломатияи ҷамъияти Қазоқистон", ҳаммуассиси "Иттифоқи ҷаҳонии нависандагон" (Русия).***

**Остона, Ҷумҳурии Қазоқистон.**

**Аз русӣ тарҷумаи Абдуқаҳҳори Қосим**

## ДАР БОРАИ ПЕШВО, ҲИЗБ ВА МАМЛАКАТ

Солрӯз ҷашнест, ки бояд бо табъи болида ҷашн гирифта шавад. Ва чунин ҷашнҳо дар Тоҷикистон бисёр аст. Аҳамият ва эътибори ҷашн ҳар қадар баланд бошад, шумораи одамоне, ки ба он ҷалб карда мешаванд, ҳамон қадар зиёд мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки он ба иди умумихалқӣ ва байналхалқӣ табдил меёбад. Дар айни замон иди шумо ҳам мақоми иди байналхалқиро гирифта истодааст.

Ҳамаи мо аз хориҷи дуру наздик мебинем, ки чӣ гуна Тоҷикистон дар фазои сулҳ ободу шукуфон шуда истодааст. Ин хидмати бузурги Пешвои беҳамто Эмомалӣ Раҳмонов аст. Саҳми ӯро дар пешрафти кишвар номбар намекунам, чунки дар ин бора ҳама медонанд. Маро далерии ин инсони бузург мафтун кард — у одами дорои иродаи қавии сиёсӣ аст, ки дар байни дигар роҳбарон на ҳамеша дида мешавад.

Ман бори нахуст аз Тоҷикистон дар таҷлили 25-умин солгарди Истиқлолияти кишвар дидан карда, бо донишҷӯён ва ҳайати омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе сӯҳбат намудам. Донишгоҳ, омӯзгорони меҳнатдӯст ва донишҷӯёни кунҷкови он ба ман писанд омаданд. Маълум аст, ки тамоми корҳои созанда дар мамлакат танҳо бо меҳнатҳои як нафар — Сарвари давлат ба вуқуъ мепайвандад. Вақте Роҳбари кишвар халқи худро дӯст медорад, мардумаш низ ӯро дӯст хоҳад дошт.

Ман аз журналистону нависандагони тоҷик барои муносибати бародаронаашон нисбати ман ва халқи қазоқ, сипосгузорам. Охир, ҳар як шаҳрванди ин ё он кишвар, пеш аз ҳама намояндаи халқу кишвари худ мебошад. Мо манфиат, таърих, фарҳанг ва дини муштарак дорем.

Дар Қазоқистон тоҷикони зиёде истиқомат доранд ва қазоқҳо низ дар Тоҷикистони сермиллат зиндагии хушбахтона ба сар мебаранд. Барои ҳар як миллат чизи асосӣ фазои осоишта аст. Ба таври возеҳ гуфта метавонам, ки ин бо шарофати Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аст, ки мо ӯро эҳтиром мекунем. Ман тавассути дӯстони тоҷикам аз комёбиву муваффақиятҳои ин кишвари аҷибу зебое, ки дар маркази Осиёи Миёна воқеъ аст, воқиф ҳастам. Онҳо ҳамеша аз кишвар, таърих ва фарҳанги худ бо ифтихор суханронӣ мекунанд.

Албатта, хидмати асосии Пешвои кишвар ва ҳизб дар он аст, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар хотима бахшиданд. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар бунёди Тоҷикистони соҳибистиқлол ба масъалаҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, гуманитарӣ, маънавӣ ва дигар масоили муҳим аҳамияти калон медиҳад. Барои ҳамаи ин давлат маблағи калон ҷудо менамояд. Шумораи аҳолии мамлакат меафзояд. Барномаҳои рушди ҷомеа, ки аз ҷониби ҲХДТ таҳия мегардад ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки нерӯи худро самаранок истифода баранд.

Ман тарафдори нафароне ҳастам, ки Пешвои миллатро бо Куруши Кабир ва Исмоили Сомонӣ баробар медонанд. Ростӣ, дар он замонҳои қадим зиндагии мардум содатар буда, озодиву истиқлолияти худро бо тиру камон,

найза ва суми аспҳои пурқуввати худ дифоъ мекарданд. Имрӯз, дар асри технологияҳои олӣ, сарҷамъ кардани мардуми босавод ва дар баробари қудратҳои бузурги ҷаҳон будан осон нест. Имрӯз қобилияти ҳифзи манфиатҳои мардум ва ҳудуди худ нисбат ба асрҳои пешин хеле мушкилтар аст. Танҳо як халқи бузург метавонад Пешвоёни бузургро ба вуҷуд оварад. Ва танҳо Пешвоёни бузург метавонанд халқи худро бузург гардонанд.

Масалан, дар байни бештари роҳбарони Чин танҳо Дэн Сяопин давлати худро ба як кувваи ҷаҳонӣ табдил дод. Маҳз ба шарофати сиёсат ва ислоҳоти иқтисодии ӯ кишвар ба яке аз қудратҳои ҷаҳонӣ табдил ёфт. Ли Куан Ю дар Сингапур Пешвои нодир гардид. Тахти роҳбарии ӯ Сингапур аз кишвари камбағал ва аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомондаи «ҷаҳони сеюм», аз ҷиҳати маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ ба яке аз бойтарин мамлакатхои ҷаҳон табдил ёфт. Ё ин ки Маҳатхир Муҳаммад, бунёдгузори мӯъҷизаи иқтисодии Малайзия.

Ман чунин меҳисобам, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ ҳамон Пешвое ба монанди Ли Куан Ю ва Маҳатхир Муҳаммад аст. Аз таърих медонем, ки халқҳои Осиёи Миёна то ба даст овардани истиқлолият, дар канори империяи бузурги советӣ чӣ тавр зиндагӣ мекарданд. Чунин ободиву шукуфоие, ки имрӯз дар Тоҷикистон мебинем, набуд.

Сарвати асосии мамлакат ин халқи боистеъдод ва меҳнатдӯсти тоҷик мебошад. Он захираи асосии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аст. Давлати нави мустақил, ки ҳамагӣ 33 сол пеш ба вуҷуд омад, ояндаи калон дорад. Ман инро ба як ҷавони 33-сола муқоиса мекунам, ки тамоми умраш ҳоло дар пеш аст. Агар «мӯъҷизаи Сингапур»-и иқтисодӣ ё «мӯъҷизаи Малайзия» дар рӯи замин пайдо шуда тавонист, пас мардуми тоҷик низ ҳамин гуна имкониятҳоро доранд. Мо, ҳамсоякишварҳо, аз ин танҳо хурсанд шуда, муваффақияту комёбиҳои бародарони тоҷикро дастгирӣ менамоем.

Бигузор орзуи хурдакаки эҷодии мо ба халқи тоҷик дар ин солрӯзи ҲХДТ, саҳми хоксорона ба дӯстии халқҳо ва кори сулҳу осоиши рӯи замин гардад. Ин хеле муҳим аст, махсусан дар замони имрӯз, ки ҷаҳон ноустувор аст ва байни кишварҳо ихтилофоти зиёд вуҷуд дорад.

Ба халқи бародари тоҷик ободӣ, шукуфоӣ ва осмони осоиштаи рӯи заминро орзумандам!

Бо эҳтиром, Бахит Рустемов, академики МЕАТR (Русия), доктори фахрии адабиёт (Испания), роҳбари «Иттиҳоди байналмилалии дипломатияи халқӣ» (Қазоқистон), президенти Ассотсиатсияи нависандагон ва рассомони CIEZART (Испания) дар Қозоқистон, ҳамраиси Шӯрои адабии Ассамблеяи халқҳои Авруосиё (Русия), президенти Озмуни ҷаҳонии адабии «Литературная Азия-2021 ва 2023», ҳаммуассиси бунёди байналмилалии «Маркази дипломатияи ҷамъиятии Қазоқистон», ҳаммуассиси «Иттифоқи ҷаҳонии нависандагон» (Русия).

Остона. Ҷумҳурии Қазоқистон.
25.02.2024.
Тарҷума аз русӣ-Абдуқаҳҳори Қосим

# О ЛИДЕРЕ, ПАРТИИ И СТРАНЕ.

Юбилей – это праздник, который нужно отмечать с хорошим настроением. А такого хорошего настроения в Таджикистане много. Чем выше значимость юбилея и солидность, тем участвует максимальное количество народу. А значит - он становится всенародным и международным праздником. В настоящий момент ваш праздник становится также и международным.

То, что Таджикистан мирно процветает, видим все мы из ближнего и дальнего зарубежья. В этом большая заслуга уникального многолетнего лидера Эмомали Рахмонова. Не буду перечислять его вклад в развитие страны. Об этом знают все. Мне импонирует смелость этого великого человека – это человек имеющий политическую волю, что не всегда встретишь в среде других руководителей.

Впервые я посетил Таджикистан во время празднования страной своего 25-летия обретения независимости. Выступал перед студентами и профессорско-преподавательским составом государственного университета в Душанбе. Мне понравился университет, его трудолюбивый коллектив и любознательные студенты. Ясно, что все хорошее идет только от одного человека в стране – главы государства. Когда лидер страны любит свой народ, тоже получает он от своего народа.

Я благодарен таджикским журналистам и писателям за внимательное, братское отношение ко мне, а значит, и к моему казахскому народу. Ведь каждый подданный страны, прежде всего, представляет свой народ и страну. Дело в том, что я написал солидную статью о многовековой дружбе наших народов, лидеров наших стран. У нас всегда были общие интересы, общая история, общая культура, религия.

Много таджиков живут в Казахстане, и казахи также благополучно живут в многонациональном Таджикистане. Главное для любого народа – это мирное небо. Могу сказать однозначно, что это благодаря лидера нации, уважаемого нами Эмомали Рахмонова. От своих таджикских друзей знаю достижения и успехи этой замечательной и прекрасной страны находящейся в центре Центральной Азии. Они всегда гордятся своей страной, историей и культурой.

Конечно же, главной заслугой Лидера страны и партии является то, что он остановил гражданскую войну между людьми одной страны. Партией большое внимание уделяется культурным, социально-экономическим, гуманитарным, духовным и другим важным вопросам в строительстве независимого Таджикистана. Для всего этого государством выделяются большие деньги. Растет население страны.

Программы развития общества НДП Таджикистана позволяют гражданам и дают им возможность раскрыть свой потенциал. Например, поэт Абдукаххор Косимов всегда выражает свою признательность лидеру страны, лидеру нации и НДП за возможность раскрыться его таланту в полной мере.

Благодаря такой хорошей поддержке таджикский поэт стал известным всему литературному миру.

Я поддерживаю тех, кто лидера нации сравнивает с Киром великим, Исмоилом Сомони. Скажу больше, те далекие времена и жизнь людей была более примитивной, отстаивали свою свободу и независимость луками-стрелами, копьями, копытами своих сильных коней. Сегодня, в век высоких технологий нелегко управлять грамотным народом и нелегко быть в одном ряду с великими державами мира. Умение отстаивать интересы своего народа интересы своей территории сегодня намного сложнее, чем в иные века. Только великий народ может рождать великих лидеров. И только великие лидеры могут сделать свой народ великим.

Например, среди многих китайских лидеров только Дэн Сяопин сделал свое государство мировой державой. Это благодаря его политике и экономическим реформам страна стала одной из мировых держав. Таким же уникальным лидером в Сингапуре стал Ли Куан Ю. Под его руководством Сингапур из бедной, экономически отсталой страны «третьего мира» превратился в одно из самых богатых государств мира по ВВП на душу населения. Махатхир Мохаммад, создатель экономического чуда в Малайзии.

Так вот я считаю, что Эмомали Рахмонов также является таким же лидером, как Ли Куан Ю и Махатхир Мохаммад. Из истории знаем, как жили народы Центральной Азии до обретения независимости, на окраине большой советской империи. Такого сегодняшнего расцвета у Таджикистана не было.

Главным богатством страны является талантливый и трудолюбивый таджикский народ. Он является основным ресурсом для НДП Таджикистана. У нового независимого государства, который появился всего лишь 33 года назад, большое будущее. Это я сравниваю с 33-летним молодым человеком, у которого вся жизнь впереди. Так что, если смогли появиться на земле экономическое «Сингапурское чудо» или «Малазийское чудо», то, есть такой же потенциал и у таджикского народа. Мы, соседи, будем только рады и будем поддерживать прекрасные успехи и достижения таджикских братьев.

Мы признательны Абдукаххору Косимову, одному из самых известных таджикских поэтов в международной литературной плеяде, который пригласил нас участвовать в празднике НДП Таджикистана. Косимов много лет работает над поднятием имиджа своей страны и популяризует таджикскую историю, культуру и литературу в мировом литературном сообществе. Я сам лично много хорошего узнал от Абдукаххора Косимова о великом таджикском народе и его выдающемся лидере Эмомали Рахмонове.

Пусть наше небольшое творческое пожелание народу Таджикистана, в эти юбилейные дни НДП, будет нашим скромным вкладом в дружбу между нашими народами и в дело мира на Земле. Это очень важно, особенно, в нынешнее время, когда мир хрупкий, появляется много разногласий внутри стран и между странами.

Желаю братскому таджикскому народу процветания и мирного неба над Землей!

С уважением Бахыт Рустемов, академик МЕАТР (Россия), почетный доктор литературы (Испания), руководитель общественного объединения «Международное содружество народной дипломатии» (Казахстан), президент Ассоциации писателей и художников Казахстан-CIEZART (Испания), Сопредседатель литературного совета Ассамблеи народов Евразии (Россия), президент всемирного литературного конкурса «Литературная Азия-2021 и 2023». Соучредитель международного фонда «Центр народной дипломатии Казахстана», соучредитель «Всемирной организации писателей» (Россия).

Астана. Республика Казахстан.

25.02.2024.